“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” д.и.т., профессор
_____________ Усмонзода А.И.
“ 4 ” октябри соли 2022

# ХУЛОСАИ
## кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт дар кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” иҷро гардидааст.

Сабуров Ихтиёр Муҳидинович 19 майи соли 1988 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Соли 2012 Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуровро аз рӯи ихтисоси системаи автоматикунонидашудаи коркарди ахбор ва идоракунӣ – муҳандис иқтисодчӣ хатм намудааст. Соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинг фаъолият бурда, дар мавзӯи “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи саёҳии вилояти Суғд)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт таҳқиқот бурдааст.

Фаъолияти илмӣ-педагогии худро аз соли 2017 ҳамчун ассистенти кафедраи барномарезии “Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” оғоз намудааст. Соли 2020 дар вазифаи муаллими кафедраи барномарезӣ фаъолияти худро давом дода, соли 2022 ба вазифаи муаллими калони кафедраи барномарезӣ интихоб гардидааст.

Сабуров Ихтиёр Муҳидинович имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият супоридааст, ки шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳо аз ҷониби МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Қодиров Абдураҳмон Лакимович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги факултети иқтисодии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”.

Мавзӯи диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович таҳти унвони “Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии

Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз 2 июли соли 2018 протоколи №11 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт, чунин хулоса қабул карда шуд:

**1.Баҳодиҳии мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ҳозира сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои рушди босамари иқтисодӣ ва сердаромад мебошад. Сайёҳӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳими баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва рушди иҷтимоию фарҳангӣ хидмат менамояд. Он ҳамчун воситаи муосири ҳавасмандии рушди иҷтимоию иқтисодӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳои сайёҳӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ васеъ истифода шавад. Дар ҳудуди минтақаҳои сайёҳӣ ва иқтисодӣ вазифаҳои сайёҳӣ ва туризм рӯшан зоҳир мегардад, ки имкониятҳои инкишофи минтақаро маҳз шароити захираҳои табиӣ он муайян мекунад.

Консепсияи рушди устувор аз муҳимтарин тамоюлҳои бахши сайёҳӣ-рекреатсионии ҷаҳонӣ буда, имкон медиҳад, ки ихтилофи қонеъ гардонидани талаботи сайёҳон аз байн бурда шавад. Ин тамоюл боиси рушди босуръати сайёҳӣ гардида, миқдори маҳдуди захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мавзеъҳои қабулкунанда дар ҳолати бадшавии муҳити зист ҳал карда мешавад.

Вобаста ба ин, масъалаҳои тадқиқи суръат ва самти рушди сайёҳӣ дар минтақаҳо ва таъмини асосноккунии илмию методии иқтисодии он дар шароити норасоии шадиди захираҳо ва сармоя аҳамият пайдо менамояд. Танҳо дар асоси мисолҳои дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ натиҷаи боэътимоди миқдории оптималӣ, дар асосӣ талаботи табиии он, рушди бозори минтақавии сайёҳӣ ва макони сайёҳии бо рақобат ва тобовар ба стратегияҳои танзими давлатии соҳаи сайёҳӣ бо назардошти арзиши хароҷот барои ҳифзи захираҳои табиӣ ва манфиатҳои хусусӣ аз фаъолияти сайёҳӣ ба даст оварда мешавад. 22-юми декабри соли 2017 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2018-ро "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон намуданд. Ҳамчунин, 29-уми декабри соли 2017 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 977 «Дар бораи эълон намудани соли 2018 Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба имзо расид. Ҳадаф аз ин иқдом рушди соҳаи сайёҳӣ, муаррифии муносиби имкониятҳои сайёҳӣ ва фарҳанги миллии кишвар дар арсаи байналмилалӣ,

ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ ва мусоидат ба эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ мебошад.

Истифодаи имкониятҳои сайёҳӣ имкон медиҳад, ки иқтисоди миллии кишвар такмил дода шавад. Дар бисёре аз кишварҳо соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани мувозинати савдои хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Соҳаи сайёҳӣ ба чунин соҳаҳои асосии иқтисодиёт, ба монанди нақлиёт ва алоқа, сохтмон, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ва ғайра таъсири калон мерасонад, яъне, як навъи нишондоди тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ баромад карда, аҳамияти тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**2. Иштироки шахсии муаллиф дар ҷараёни ба даст овардани натиҷаҳои дар рисола баёншуда.** Муаллиф дар татбиқи амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ дар соҳаи рушди маҷмуи сайёҳӣ ва дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ саҳми муайян гузоштааст. Ҳангоми муайян кардани инкишофи зина ба зинаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, муаллиф маҷмуи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди маҷмааи сайёҳӣ ва сармоягузории фоидаовар дар минтақаҳои сайёҳӣ таъмин менамояд.

**3. Дурустии натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои асосӣ.** Асосҳои назариявӣ, ташхиси илмӣ, иқтисодӣ, усулҳои баҳодиҳии ташхисӣ, натиҷаи назарраси иқтисодиву таҳлилӣ таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба шумор меравад. Инчунин, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқотӣ, ҳамчунин усулҳои таҳлилӣ, таҳлили системавии иқтисодӣ, иқтисодӣ-математикӣ ва омории коркарди иттилоот истифода шудааст.

**4. Мақсад ва вазифаи таҳқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ таҳияи маҷмуи амсилаҳои иқтисодӣ ва математикӣ дар асоси омӯзиши равандҳои сайёҳӣ дар минтақа мебошад, ки барои таҳлили вазъи кунунӣ ва пешгӯии рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади пешбинишудаи дисертатсия муаллиф ҳалли вазифаҳои зеринро ба миён гузоштааст:

- таҳқиқи мӯҳтавои мафҳумҳои соҳаи сайёҳӣ;
- муайян намудани нақш ва мавқеи соҳаи сайёҳӣ дар системаи иқтисоди миллӣ, мураттаб сохтани вазифаҳои иқтисодии соҳаи сайёҳӣ, муайян кардани таъсири иҷтимоию-иқтисодии он ба ҷомеа;

- таҳлили нишондиҳандаҳое, ки ба тавсифи натиҷаҳои фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва муайян намудани омилҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ равона шудаанд;

- муайян намудани талабот дар шароити ташаккули бозори дохилии хизматрасониҳои сайёҳӣ ва ташаккули алоқаи он бо бозори ҷаҳонӣ нисбат ба вазифаҳои рушди комплексии соҳаи сайёҳӣ дар минтақа;

- омӯзиши амсилаҳои иқтисодӣ ва математикии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти соҳаи сайёҳӣ, равиш ва усулҳои ҳалли масъалаҳои рушд дар маҷмуи сайёҳӣ ҳамчун системаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани самтҳои асосии такмили усулҳои оптималӣ гардонидани рушди соҳаи сайёҳии минтақавӣ;

- коркарди амсилаи динамикии рушди маҷмуи сайёҳӣ барои баҳодиҳӣ, ҳисоб, муқоиса ва интихоби вариантҳои оптималӣ;

- амалӣ сохтани интихоби бомақсади меъёри оптималии вариантҳои тараққии сайёҳӣ;

- тартиб додани асосҳои ташаккул ва танзими минтақавии рушди сайёҳӣ ва сиёсати ягонаи давлатӣ дар рушд ва тараққиёти соҳаи сайёҳӣ.

**5. Навгонии илмии рисолаи илмӣ.** Навоварии илмии тадқиқот дар коркард ва асосноккунии мукаммалгардонии амсиласозии математикию иқтисодии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамигардонии иқтисодӣ ба шумор меравад. Натиҷаҳо ва навовариҳои муҳимтарини илмии муаллиф дар раванди тадқиқот аз инҳо иборат аст:

– мӯҳтавои мафҳумҳои маҷмуи сайёҳӣ, маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар аниқ карда шудааст;

– таҳлили омилҳои асосие, ки ба рушди соҳаи сайёҳии имрӯза таъсир мерасонанд ва дар натиҷаи тадқиқи муаммоҳои рушди сайёҳӣ ва хусусиятҳои рушди сайёҳӣ дар заминаи вазъи муосири макроиқтисодӣ муайян гардидаанд;

- асосноккамоии унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила, меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ;

– таснифи амсилаҳои математикӣ ва иқтисодии оптималӣ гардонидани маҷмуи сайёҳӣ ва муайян намудани самтҳои такмили афзорӣ дар рушди сайёҳии минтақавӣ;

– талаботи асосӣ оид ба муқаррар намудани вазифаҳои рушди маҷмуи сайёҳӣ бо назардошти равандҳои нави ташаккули бозори дохилии сайёҳии имрӯза, ки чун қисми таркибии бозори ҷаҳонӣ мураттаб карда шудаанд;

– инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмуи сайёҳӣ, ки маҷмуи хизматрасониҳо ва ҷараёни ташаккули онро дар бозори маҳсулоти сайёҳӣ ба

инобат мегирад. Вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд;

– пешниҳод ва асоснок намудани нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ.

- Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

–мӯҳтавои мафҳумҳои сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ аз нуқтаи назари истеҳсолгар ва истеъмолгар;

–таснифоти усулҳои оптималӣ гардонидани рушди маҷмааи сайёҳии минтақавӣ ва амсилаҳои фаъолияти сайёҳии коркардшуда, асоснок намудани самтҳои истифодабарии онҳо ва самтҳои такмили амсилаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ;

–асоснок намудани унсурҳои бозор дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ бо мақсади таҳияи амсила ва коркарди меъёрҳои иқтисодии рушди оптималӣ гардонидани маҷмааи сайёҳӣ;

–тавсифи математикии гузориши масъалаи рушди маҷмааи сайёҳӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, таъсир ва тақсимоти он ба рушди соҳаҳои алоҳидаи саноати сайёҳӣ;

–тақсимоти маблағҳоро барои рушди комплекси сайёҳӣ вобаста аз манбаъҳои сармоягузорӣ ва аз нав сармоягузории фоидаи овардашударо дар соҳаи сайёҳӣ таъмин менамояд, ки инкишофи амсилаи динамикии рушди маҷмуи сайёҳӣ барои дарбаргирии ҷараёни ташаккули он дар бозори маҳсулоти сайёҳиро фаро мегирад;

–нақшаи ташаккули сиёсати давлатии рушди сайёҳӣ бо истифода аз банақшагирии стратегӣ асоснок карда шудааст.

6. **Аҳамияти назариявӣ ва методии диссертатсия.** Асосҳои назариявии тадқиқотро асарҳои фундаменталии олимони шинохтаи иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи амсиласозӣ ва рақамигардонии иқтисодиёт ва инчунин дар соҳаи сайёҳӣ ташкил доданд. Махсусан, омӯзиши консепсияҳои илмии мактабҳои муосири амсиласозии иқтисодӣ - матемакии соҳаи сайёҳӣ мебошад.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумӣ илмии таҳлил ва синтез, амсиласозии иқтисодӣ ва математикӣ, тадқиқоти эконометрикӣ, назарияи фоиданокӣ, назарияи оптималӣ гардонидани динамикӣ, муқоисаи статикии мувозинат ва таҳлили факторӣ мебошад.

7. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илмӣ:** Навгонӣ ва натиҷаҳои тадқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ихтисоси 08.00.09 – «Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт» мувофиқат мекунанд: 1.4. Таҳия ва тадқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳои микроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули

талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳододани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра.

**8. Инъикоси маводҳои рисола дар корҳои чопшудаи муаллиф:**

Феҳрасти муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

А) Интишорот дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М] Сабуров И.М. Гузориши масъалаи оптималигардонии рушди сайёҳӣ. [Матн] / И.М Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2020 .№2 (53) –С.111-118

[2-М] Сабуров И.М. Оптимизатсияи давра ба давраи динамикаи иқтисодии маҷмааи сайёҳӣ. [Матн] / И.М Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2020. №4 –С.131-138

[3-М] Сабуров И.М. Истифодаи технологияи муосир дар соҳаи таълими интерактивии барномарезӣ: тамоюулҳо ва тараққиёт [Матн] / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ, Хуҷанд-2020. №1(62) –С.145-148

[4-М] Сабуров И.М. Интихоби гуногунченакаи сармоягузор ва ченаки ҳамсояҳои наздик [Матн] / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2020. №4 (55)– С.144-146

[5-М] Сабуров И.М. Аз таҷрибаи сохтани шабакаи нейронӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2021. №3 (58) –С.205-208

[6-М] Сабуров И.М. Инкишофи танзими давлатӣ ва моделиронии рушди сайёҳӣ дар минтақа. [Матн] / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2021. №3 (58) –С.145-150.

[7-М] Сабуров И.М. Моделиронии рушди маҷмаъаи сайёҳӣ вилояти Суғд [Матн] / И.М. Сабуров // Номаи донишгоҳ Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ, Хуҷанд-2022. №3(55) –С.149-155

[8-М] Сабуров И.М. Таснифи усулҳо ва моделҳои рушди соҳаи сайёҳӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе-2022. №8. ISSN 2413-5151– С.46-52

Б) мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо ба нашррасида:

[9-М] Сабуров И.М. Нақш ва имкониятҳои тахтаҳои интерактивӣ дар омӯзиши фанни барномарезӣ [Матн] / И.М. Сабуров // Конференсияи таълимӣ-методии Ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир» бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ Хуҷанд - 2018.

[10-М] Сабуров И.М. Оптималгардонии рушди сайёҳӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Маводи конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт» (28 марти соли 2020) Душанбе-2020.– С.187-192

[11-М] Сабуров И.М. Динамикаи оптималии рушди маҷмӯи сайёҳӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ. «саноаткунонӣ - омили рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ» (барои донишҷӯён, магистрантон, аспирантон, докторантон ва унвонҷӯён) Бӯстон. – 2020.–С.137-139

[12-М] Сабуров И.М. Системаи идоракунии базаи маълумоти тақсимотӣ. [Матн] / И.М. Сабуров // Маводи конференсияи байнидонишгоҳии илмӣ-амалии олимон, муҳаққиқони ҷавон, магистрантон ва донишҷӯёни вилояти Суғд таҳти унвони «Системаи иттиоотӣ: муаммоҳо ва дурнамои рушд» бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, Хуҷанд, 03.04.2020.

[13-М] Сабуров И.М. Особенности периодов развития туризма в Таджикистане [Текст] / И.М Сабуров // Известия Иссык – Кульского форума бухгалтеров и аудиторов сран Центральной Азии Международный теоретический и научно-практический журнал «Известия И.К.Форума БАЦА» №4 (35) 2021 ISSN 1694-7347 Бишкек –2021 –С. 66 - 70

[14-М] Сабуров И.М. Динамическое моделирование в оптимизации сферы туризма [Текст] / И.М. Сабуров // Материалы республиканской научно-практической конференции «Современные проблемы прикладной математики и их роль в формировании технического мировоззрения общества» Худжанд - 2021 .–С.71-73

[15-М] Сабуров И.М. Амсилабандии рушди маҷмӯи сайёҳӣ [Матн] / И.М Сабуров // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80-солагии Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзӯи (иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ) Душанбе – 2022.– С.188-193

Диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзӯи “Амсиласозии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)” аз рӯйи ихтисоси 08.00.09.- Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт ҷавобгӯ ба талаботи

мукарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 11 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

тарафдор - 11нафар,
муқобил- нест
бетараф - нест.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи идоракунии иқтисодиёт ва маркетинги МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” аз 30 сентябри соли 2022 протоколи № 2 қабул шудааст.

Раиси маҷлис,
Мудири кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинги МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”,
н.и.и., дотсент ________________ **Сатторова М.Р.**

Котиби маҷлис,
коргузори кафедраи идоракунии
иқтисодиёт ва маркетинги МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ________________ **Охунҷонова З.И.**

Имзоҳои Сатторова М.Р ва Охунҷонова З.И.-ро тасдиқ менамоям

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси раёсати МДТ
“ДДХ ба номи академик. Б. Ғафуров” ________________ **Наврӯзов Э.М.**

Суроға:
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш.Хуҷанд,
гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: (+992 3422) 6-2-73,
Факс: (+992 3422) 6 – 52 – 73.
E – mail: hgu – rector@hgu.tj.